**ФАРМОНИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**УКАЗ**
**ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ф а р м о н м е д и ҳ а м:

Ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 «Оид ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) ба банди 3 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Хизматчиёни давлатии тибқи хулосаи комиссияи аттестатсионӣ аз мансаб озодгардида метавонанд дар озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияи пасттар (ишғолкунандагони мансабҳои категорияҳои ҳафтум барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияи ҳафтум) баъди гузаштани шаш моҳи тақвимӣ иштирок намоянд.»;

2) дар сархати чоруми банди 4 пас аз калимаҳои «дар асоси» калимаҳои «натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ ё» илова карда шаванд;

3) дар банди 11:

- дар сархати шашум калимаи «суҳбат» ба калимаҳои «санҷиши пешакӣ - навиштани иншо, эссе, кори хаттӣ, диктант ё санҷиши тестӣ (минбаъд - санҷиши пешакӣ)» иваз карда шаванд;

- сархати ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- гузарондани санҷиши пешакӣ;»;

4) ба банди 14 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Комиссияи озмун дар сохторҳои мақомоти давлатӣ ва мақомоти

худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки шумораи воҳидҳои кории хизматчиёни давлатии онҳо то 15 нафарро ташкил дода, роҳбарони онҳо ҳуқуқи таъини хизматчиёни давлатиро доранд, ташкил карда намешавад ва озмунҳо мувофиқан дар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор гузаронда мешаванд.»;

5) дар банди 21:

- дар сархати якум калимаҳои «ва гузаронидани» ба калимаҳои «, гузаронидани санҷиши пешакӣ ва» иваз карда шаванд;

- дар сархати дуюм калимаи «суҳбат» ба калимаҳои «санҷиши пешакӣ» иваз карда шавад;

- сархати сеюм хориҷ карда шавад;

- дар сархати чорум пас аз калимаи «гузаронидани» калимаҳои «санҷиши пешакӣ ва» илова карда шаванд;

6) номи боби 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. ҚАБУЛ, БАРРАСИИ ҲУҶҶАТҲО, ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШИ ПЕШАКӢ ВА СУҲБАТ БО ДОВТАЛАБОН»;

7) дар банди 27:

- сархати ҳаштум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- эъломия оид ба вазъи молумулкӣ ва маълумот дар бораи супоридани эъломия оид ба андоз аз даромад;»;

- сархати даҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- маълумотнома оид ба таъқиби ҷиноятӣ (доғи судӣ, суд шудан, рад ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ);»;

8) банди 31 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«31. Комиссияи озмун баъди анҷоми муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо амалҳои зеринро иҷро менамояд:

- баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва муайян намудани мувофиқати довталабон ба талаботи тахассусии мансабҳои холӣ на дертар аз 3 рӯзи корӣ;

- муайян намудани намуди санҷиши пешакӣ, вақт ва маҳалли гузарондани он, меъёри баҳо (хол)-и гузариш аз санҷиши пешакӣ дар муҳлати на дертар аз 3 рӯзи кории баъди баррасии ҳуҷҷатҳо;

- ҷалби мутахассис (мутахассисон) барои гузарондани санҷиши пешакӣ;

- даъват намудани довталабон ба санҷиши пешакӣ дар муҳлати на дертар аз 2 рӯз то баргузории санҷиши пешакӣ;

- муайян намудани баҳои гузариш (аз 15 то 25), ҷой ва вақти баргузории суҳбат бо довталабон дар муҳлати на дертар аз 6 рӯзи корӣ баъди баррасии ҳуҷҷатҳо;

- даъвати довталабон ба суҳбат дар муҳлати на дертар аз 2 рӯз то баргузории суҳбат;

- қабули қарорҳо аз натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳо, санҷиши пешакӣ ва суҳбат;

- хабардор намудани довталабон аз натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳо, санҷиши пешакӣ ва суҳбат дар муҳлати на дертар аз 1 рӯзи баъди қабули қарори комиссияи озмун.»;

9) дар банди 35 калимаҳои «дар суҳбат» ба калимаҳои «пеш аз санҷиши пешакӣ» иваз карда шаванд;

10) бандҳои 36 ва 37 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«36. Бо мақсади муайян намудани сатҳи донишҳои касбӣ, дар мақомоти давлатӣ тариқи гурӯҳӣ санҷиши пешакӣ гузаронда мешавад. Барои гузарондани санҷиши пешакӣ ва баҳогузории натиҷаҳои он мутахассисони соҳавӣ даъват карда мешаванд. Дар сурати ба даст наовардани баҳо (хол)-и гузариши санҷиши пешакӣ, довталабон ба суҳбат иҷозат дода намешаванд ва дар ин хусус комиссияи озмун дар шакли протокол қарор қабул мекунад.

37. Суҳбат бо ҳар як довталаб алоҳида гузаронда мешавад. Дар рафти суҳбат сатҳи донишҳои касбӣ, донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таърих ва фарҳанги Тоҷикистон, забони давлатӣ, забонҳои хориҷӣ, маҳорати кор бо технологияҳои иттилоотӣ (электронӣ), ки дар варақаи баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон пешбинӣ шудаанд, муайян карда мешавад (замимаи 2). Меъёри баҳодиҳӣ аз 2 то 5 муқаррар карда мешавад. Барои занон, шахсони хизмати ҳарбиро тибқи даъват адонамуда ва сокинони шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадии дар ҳифзи сарҳади давлатӣ иштирокнамуда, ки бори нахуст ба хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот қабул мегарданд, се хол илова карда мешавад.»;

11) банди 39 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«39. Ҷаласаи ҷамъбастии комиссияи озмун баъди анҷоми суҳбат бо довталабон баргузор гардида, номзадҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ тавсия дода мешаванд. Қарори комиссияи озмун дар ғоибии довталаб қабул карда мешавад. Довталаб дар ҳолати ба даст овардани баҳои муқарраршуда аз озмун гузашта ҳисобида шуда, довталаби баҳои баландтар гирифта барои таъин пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми баробар будани баҳои гузариши муқарраргардида ба мансаби холии дахлдор довталаби аз озмун гузашта, бо пешниҳоди раиси комиссияи озмун муайян карда мешавад. Комиссияи озмун ҳуқуқ дорад довталабони дигари баҳои гузариш бадастовардаро барои таъин ба мансаби холии категорияи баробар ё пасттари ҳамин мақоми

давлатӣ пешниҳод намояд. Дар чунин ҳолат таъин бояд дар муҳлати то 6 моҳ бо риояи талаботи тахассусӣ амалӣ карда шавад.»;

12) дар банди 41 пас аз калимаҳои «Дар сурати ба» калимаҳои «санҷиши пешакӣ ё» илова карда шаванд;

13) замимаи 2 дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
1 апрели соли 2023
№544

Замимаи 2
ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ

Варақаи
баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон

Номи мақоми давлатӣ _____

Номи пурраи мансаб _____

Санаи баргузории суҳбат «____» _____соли _____

| Р/т | Насаб, ном, номи падари довталаб | Сифатҳои касбӣ | | Қобилияти корӣ | | | Имтиёзҳои пешбининамудаи банди 37 Низомномаи мазкур * | Баҳои ҷамъбастӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Донишҳои касбӣ | Донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Донистани таърих ва фарҳанги Тоҷикистон, забони давлатӣ | Донистани забонҳои хориҷӣ | Маҳорати кор бо технологияҳои иттилоотӣ | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

Эзоҳ: *Дар сутуни 8 ҳангоми мувофиқати довталаб ба имтиёзи пешбинигардидаи банди 37 Низомномаи мазкур, 3 хол илова карда мешавад.

Узви комиссия _____ _____

(имзо) (насаб, сарҳарфҳои ном, номи падар)

**ФАРМОНИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**УКАЗ**
**ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

О внесении изменений и дополнений в указ
Президента Республики Таджикистан от 10 марта 2016 года, №647

В соответствии со статьей 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» п о с т а н о в л я ю:

Внести в Положение о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы, утвержденное указом Президента Республики Таджикистан от 10 марта 2016 года, №647 «О Положении о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы», следующие изменения и дополнения:

1) пункт 3 дополнить вторым предложением следующего содержания: «Государственные служащие, освобождённые от занимаемой должности согласно заключению аттестационной комиссии, могут принять участие в конкурсах на замещение вакантных административных должностей низшей категории (лица, занимаемые должности седьмой категории для замещения вакантных административных должностей седьмой категории) после шести календарных месяцев.»;

2) четвертый абзац пункта 4 после слов «на основании» дополнить словами «результата оценки деятельности государственного служащего или»;

3) в пункте 11:

- в шестом абзаце слово «собеседование» заменить словами «предварительную проверку – написание сочинения, эссе, письменной работы, диктанта или тестирования (далее - предварительная проверка)»;

- седьмой абзац изложить в следующей редакции:

«- проведение предварительной проверки;»;

4) пункт 14 дополнить третьим предложением следующего содержания: «В структурах государственных органов и органов самоуправления поселков и сел со штатной численностью менее 15

государственных служащих, руководители которых имеют право на назначение государственных служащих, конкурсная комиссия не создается и конкурсы проводятся соответственно в соответствующих центральных органах государственной власти или местных исполнительных органах государственной власти.»;

5) в пункте 21:

- в первый абзац после слов «рассмотрения документов» дополнить словами «, проведения предварительной проверки»;

- во втором абзаце слово «собеседованию» заменить словами «к предварительной проверки»;

- третий абзац исключить;

- четвертый абзац после слова «проведение» дополнить словами «предварительной проверки и»;

6) название главы 4 изложить в следующей редакции:

«4. ПРИЁМ, РАССМОТРЕНИЕ ДОКУМЕНТОВ, ПРОВЕДЕНИЕ ПРЕДВАРИТЕЛЬНОЙ ПРОВЕРКИ И СОБЕСЕДОВАНИЯ С КАНДИДАТАМИ»;

7) в пункте 27:

- восьмой абзац изложить в следующей редакции:

«- декларацию об имущественном положении и сведения о сдаче декларации по подоходному налогу;»;

- десятый абзац изложить в следующей редакции:

«- справка об уголовном преследовании (о судимости, об осуждении, об отказе и прекращении уголовного дела;»;

8) пункт 31 изложить в следующей редакции:

«31. Конкурсная комиссия после окончания срока приёма документов выполняет следующие задачи:

- рассмотрение представленных документов и определение соответствия кандидатов квалификационным требованиям вакантных должностей не позднее 3 рабочих дней;

- определение формы предварительной проверки, времени и места её проведения, критерий проходной оценки (балла) предварительной проверки в сроки не позднее 3 рабочих дней после рассмотрения документов;

- приглашение специалиста (специалистов) для проведения предварительной проверки;

- приглашение кандидатов на предварительную проверку в сроки не позднее 2 дней до проведения предварительной проверки;

- определение проходной оценки (от 15 до 25), места и времени проведения собеседования с кандидатами в сроки не позднее 6 рабочих дней после рассмотрения документов;

- приглашение кандидатов на собеседование в сроки не позднее 2 дней до проведения собеседования;

- принятие решения о результатах рассмотрения документов, предварительной проверки и собеседования;

- информирование кандидатов о результатах рассмотрения документов, предварительной проверки и собеседования в сроки не позднее 1 дня после принятия решения конкурсной комиссии.»;

9) в пункте 35 слова «на собеседовании» заменить словами «перед предварительной проверкой»;

10) пункты 36 и 37 изложить в следующей редакции;

«36. С целью определения уровня профессиональных знаний, в государственных органах проводится предварительная проверка в группах. Для проведения предварительной проверки и оценки её результатов приглашаются отраслевые специалисты. В случае неполучения проходной оценки (балла) предварительной проверки, кандидаты не допускаются на собеседование и об этом конкурсная комиссия принимает решение в форме протокола.

37. Собеседование проводится с каждым кандидатом индивидуально. В ходе собеседования определяется уровень профессиональных знаний, знание нормативных правовых актов, истории и культуры Таджикистана, государственного языка, иностранных языков, умение работать с информационными (электронными) технологиями, предусмотренные в ведомости оценки профессиональных качеств и деловых способностей кандидатов (приложение 2). Критерии выставления оценок определяются от 2 до 5. Для женщин, лиц, проходивших по призыву воинскую службу и лиц, проживающих в приграничных городах и районах, участвовавших в защите государственной границы, при первом назначении на государственную службу в государственные органы и органы самоуправления поселков и сёл, прибавляется три балла.»;

11) пункт 39 изложить в следующей редакции:

«39. Итоговое заседание конкурсной комиссии проводится после завершения собеседования с кандидатами, и кандидаты рекомендуются на замещение вакантных должностей. Решение конкурсной комиссии принимается в отсутствии кандидата. Кандидат, в случае получения установленной оценки, считается прошедшим конкурс, кандидат, получивший наивысшую оценку, представляется к назначению. При равенстве проходной оценки кандидатов на соответствующую должность, кандидат, прошедший конкурс, определяется по представлению председателя конкурсной комиссии. Конкурсная комиссия имеет право по результатам собеседования представлять других кандидатов, получивших проходную оценку, на вакантную должность равной или ниже категорией этого государственного органа. В таких случаях назначение должно осуществляться в период до 6 месяцев с соблюдением квалификационных требований.»;

12) пункт 41 после слов «В случае неявки кандидата на» дополнить словами «предварительную проверку и»;

13) приложение 2 утвердить в новой редакции (прилагается).

Президент
Республики Таджикистан Эмомали Рахмон

г.Душанбе
1 апреля 2023 года
№544

Приложение 2
к Положению о порядке проведения конкурса
на замещение вакантных административных
должностей государственной службы

Ведомость
оценки профессиональных качеств и деловых способностей кандидатов

Название государственного органа_____

Полное название должности _____

Дата проведения собеседования «_____» _____ года_____

| № п/п | Фамилия, имя, отчество кандидата | Профессиональные качества | | Деловые способности | | | Льготы, предусмотренные пунктом 37 настоящего Положения* | Итоговая оценка | Примечание |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Профессиональные знания | Знание нормативных правовых актов | Знание истории и культуры Таджикистана, государственного языка | Знание иностранных языков | Умение работать с информационными (электронными) технологиями | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |

Примечание: *В колонке 8, при соответствии кандидата предусмотренным льготам пункта 37 настоящего Положения, добавляется 3 дополнительных балла.

Член комиссии _____ _____
(подпись) (фамилия, инициалы имени и отчества)